**ТАҚРИЗ**
**БА РИСОЛАИ НОМЗАДИИ САДРИДДИН АЙНИДДИН ДАР МАВЗӮИ «НАҚШИ НИЗОМУЛМУЛК ДАР НИЗОМИ ИДОРИИ ҶАМЪИЯТӢ ВА СИЁСИИ ДАВЛАТИ САЛҶУҚИЁН» БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ТАЪРИХ АЗ РӮИ ИХТИСОСИ 07.00.02 – ТАЪРИХИ ВАТАНӢ (ИЛМҲОИ ТАЪРИХ). ДУШАНБЕ, 2020.**

Диссертатсияи Садриддин Айниддин ба яке аз масъалаҳои муҳими таърихи асрмиёнагии тоҷик бахшида шуда, он аз аҳамияти илмию амалӣ бархӯрдор мебошад. Дар диссертатсия дар таърихнигории ватанӣ бори аввал ҳаёт ва фаъолияти сиёсӣ-фарҳангии намояндаи намоёни асрмиёнагии халқи тоҷик Абуалӣ Ҳасан ибни Алӣ ибни Исҳоқи Тӯсӣ маъруф бо тахаллуси дарбории Низомулмулк ба таври муфассал мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шуда, сиёсати дохилӣ ва хориҷии сулолаи Салҷуқиён низ инъикос гардидааст.

Абуалӣ Ҳасан ибни Алӣ ибни Исҳоқи Тӯсӣ, яке аз сиёсатмадорони дарбори Салҷуқиён буда, ҳангоми вазири Алпарслон ва Маликшоҳ буданаш дар умури идории давлати мазкур нақши асосӣ бозӣ кард ва аз худ асари сиёсӣ-таърихии «Сиёсатнома» - ро низ боқӣ гузоштааст. Мактабҳои динии ташкилнамудаи ӯ бо номи «Низомияҳо» маъруф гаштанд. Аз ин лиҳоз, омӯзиши ҳаёту фаъолияти сиёсӣ ва фарҳангии Низомулмулк рӯзмарра мебошад.

Диссертант кӯшиш намудааст, ки шахсияти Низомулмулкро ҳамчун ходими маъруфи сиёсӣ ва нақши ӯро дар рушди фарҳанги динии мардуми Осиёи Миёна нишон диҳад. Таҳлили масъалаҳои мазкур мубрам будани мавзӯи мавриди таҳқиқро муайян мекунад.

Диссертант предмети таҳқиқоти худро ҳаёт ва фаъолияти сиёсӣ, давлатӣ ва фарҳангии Низомулмулк муайян намудааст. Объекти таҳқиқот бошад нақши ӯ дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XI - и Эрон ва Осиёи Миёна, инчунин фаъолияти мактабҳои бо ном низомияҳо муқаррар гардидааст.

Заминаи маъхазии диссертатсияро «Сиёсатнома»-и Низомулмулк ва асарҳои муаррихони асримиёнагӣ ташкил медиҳанд.

Навоварии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар диссертатсия бори аввал аз нигоҳи илмӣ ҳаёт ва фаъолияти сиёсию фарҳангии Низомулмулк мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Сохтори диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш параграф, хулоса, номгӯи маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима муҳимият ва навгонии мавзӯъ асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиши мавзӯъ ва сарчашмаҳои таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳо, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда муайян карда шудаанд.

Боби аввали диссертатсия ***«Низомулмулк ходими бузурги давлатӣ ва фарҳангӣ»*** аз се параграф иборат мебошад.

Дар параграфи аввал ***«Низомулмулк – ходими маъруфи ҷамъиятӣ ва сиёсии асри XI»*** муаллиф оид ба ҳаёт ва фаъолияти Низомулмулк маълумот дода, роҳи тайнамудаи ӯро то расидан ба вазифаи вазири Салҷуқиён инъикос менамояд.

Муаллифи диссертатсия менависад, ки пешрафту дастовардҳои Салчуқиён, чӣ дар умури дохилӣ ва чӣ дар сиёсати хориҷӣ, бо шарофати фаъолияти Низомулмулк ба вуҷуд омадаанд. Диссертант иброз менамояд, ки гарчанде Низомулмулк ба таври расмӣ як вазир ва иҷрокунандаи амру фармонҳои султони Салчуқӣ буд, вале дар асл тамоми қаламрави бузурги ин давлатро мустақилона идора менамуд ва қудрати ӯ ба ҳадде расида буд, ки ҳатто дастгоҳи хилофати Аббосиёнро бо майлу иродаи худ мегардонид.

Дар параграфи дуюми боби аввал ***«Нақши Низомулмулк дар таъйини сиёсати дохилӣ ва хориҷии Салҷуқиён»*** диссертант давраи вазорати сисолаи Низомулмулкро дар дарбори Салчуқиён баррасӣ менамояд.

Дар диссертатсия зикр шудааст, ки Низомулмулк корро аз ислоҳоти девонҳо оғоз карда, дар давлати Салҷуқиён девонҳои истифо, ишроф, барид, арз, иқтоъ, туғро, қазо, авқоф, хосс ва мусодара фаъолият

менамуданд. Низомулмулк доираи фаъолияти ҳар девонро мушаххас намуда, зери назорати қатъии хеш қарор дод, ки муаллифи диссертатсия дар бораи фаъолияти ин девонҳо маълумоти васеъ медиҳад.

Ба назари диссертант Низомулмулк дар татбиқи сиёсати дохилӣ ҷонибдори ҳукумати мутамарказ буд ва тасмим гирифт то ҳокимон ва амирони шаҳру вилоятҳо тобеи даргоҳи султон бошанд, русуми дарборро риоя намоянд ва ҳангоми ниёз ба сипоҳ султонро мадад кунанд. Дар ин параграф саҳми Низомулмулк дар сиёсати дохилӣ ва сиёсати хориҷии давлат низ инъикос ёфтааст.

Дар параграфи сеюми боби якум ***«Сиёсатномаи»-и Низомулмулк дастури идории давлатдорӣ, сарчашмаи муҳими таърихӣ ва мероси гаронбаҳои фарҳангӣ»*** диссертант оид ба мазмун ва мундариҷаи «Сиёсатнома» маълумот медиҳад.

Дар баёни масъалаи мазкур диссертант менависад, ки «Сиёсатнома» дар баробари асари дастурӣ дар корҳои идораи давлат будан, инчунин яке аз сарчашмаҳои арзишманди таърихӣ низ ба ҳисоб меравад. Низомулмулк дар ин асари худ кӯшиш кардааст, рӯйдодҳои муҳими таърихии дар қаламрави Эрон ва Осиёи Миёна рух дода, инчунин ҳаракатҳои иҷтимоӣ-сиёсиро низ инъикос намуда, оид ба Саффориён, Сомониён ва Ғазнавиён маълумоти нодир медиҳад. Ба хулосаи муаллифи диссертатсия масъалаҳои таърихии асари мазкур омӯзиш ва таҳқиқоти алоҳида ва хосро талаб менамоянд.

Боби дуюми диссертатсия «***Низомияҳо – нахустин марказҳои таълимӣ ва илмӣ бо сохтори идории муназзам ва пешрафта»*** аз се параграф иборат аст.

Дар параграфи якум «***Аз таърихи мадрасаҳои Хуросони Бузург ва фаъолияти онҳо»*** аввал оид ба географияи таърихии Хуросон сухан рафта, сипас диссертант аз таърихи мадрасаҳои Бухоро, Самарқанд, Балх. Нишопур, Ғазна, Ҳирот, Пушанг, Бӯст, Марврӯд ва ғайра, ки аз ҷониби шахсиятҳои маъруф дар солҳои мухталиф таъсис шудаанд, маълумоти овардааст. Мувофиқи маълумоти диссертант дар асри X дар

Самарқанд 17 мадраса, дар Нишопур зиёда аз 20 мадраса ва дар Хатлон 29 мадраса мавҷуд будааст. Ва иброз менамояд, ки дар асри X мадрасаҳо аз масҷидҳо ҷудо шуда, муассисаҳои таълимии мустақил ва макони тайёр намудани мутахассисони соҳаи дин ва дастгоҳи давлат мегарданд.

Дар параграфи дуюм ***«Низомияи Багдод бузургтарин маркази таълимию илмии замони худ»*** муаллиф таърихи зуҳур ва фаъолияти низомияҳоро, ки дар қаламрави давлати Салҷуқиён бо ташаббуси Низомулмулк таъсис дода шудаанд, инъикос менамояд.

Муаллиф баён медорад, ки Низомияи Бағдод яке аз бузургтарин ва машҳуртарин мадрасаҳое буд, ки бо дастури Низомулмулк таъсис гардид. Диссертант дар бораи роҳбарон, ташкилот, усули идорӣ ва таълимӣ дар Низомияи Багдод, дар бораи устодони маъруф ва шогирдони машҳури он, шартҳои пазириши устодон ва шогирдон дар ин мадраса ва роҷеъ ба китобхонаи Низомия маълумоти муфассал дода, ба хулосае мерасад, ки Низомулмулк бо таъсиси Низомияи мазкур ва дигар низомияҳо рӯҳониёнро тобеи давлат намуда, онҳоро ба мубаллиғони давлат мубаддал гардонид. Аз ҷониби дигар Низомулмулк бо таъсиси низомияҳо, хонақоҳҳо, масҷидҳо, бемористонҳо ва ғайраҳо кӯшиш ба харҷ дод, ки таваҷҷуҳи оммаро нисбат ба давлат ва дастгоҳи ҳоким бештар намуда, такягоҳи қавӣ ва нерӯманде барои давлат ба вуҷуд оварад.

Параграфи сеюми боби дуюм ***«Мақоми низомияҳо дар таҳаввули низоми таълими асрҳои баъдӣ»*** ном дошта, дар он сухан дар бораи нақш ва таъсири низомияҳо дар низоми таълими асрҳои баъдина меравад. Диссертант менависад, ки ба гайр аз Низомияи Бағдод дар дигар шаҳрҳои қаламрави зери таъсири Салчуқиён, аз ҷумла Нишопур, Исфаҳон, Марв, Балх, Омул, Басра, Харгурд, Мавсил ва ғайра низ чунин намуд макатабҳо таъсис ёфтанд. Дар миёни онҳо қадимтаринаш, ки пеш аз Низомияи Бағдод фаъолият мекард, Низомияи шаҳри Нишопур будааст.

Дар диссертатсия оварда шудааст, ки Низомияҳо, ки таъсиси онҳо бо омилҳои хоси сиёсӣ ва мазҳабӣ сурат гирифт, аз оғоз, яъне аз нимаи дувуми асри XI сар карда беш аз се аср сарчашмаи таҳаввулоти бузург дар заминаҳои сиёсӣ, илмӣ ва мазҳабии на танҳо қаламрави давлати Салчуқиён балки давлатҳои ҳамсояи он низ гардид.

Дар хулосаи диссертатсия фикри ҷамъбастии муаллиф оид ба мавзуъ ва пешниҳодҳои назариявии ӯ оварда шудаанд.

Ҳамин тавр, сохтор ва мазмуни асосии диссертатсияи Садриддин Айниддин мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертсияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад. Диссертант дар илми таърихи ватанӣ бори нахуст шуда, мавзӯи мазкурро объекти таҳқиқоти алоҳида интихоб намудааст. Мазмуни автореферат бо диссертатсия мувофиқ мебошад. Диссертант оид ба рисолаи худ 4 мақоларо дар маҷаллаҳои тақризшаванда КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва 2 мақоларо дар дигар нашрияҳо аз чоп баровардааст.

Аммо дар баробари муваффақияту дастовардҳо дар диссертатсия камбудию норасоиҳои зудислоҳшаванда низ ба назар мерасанд, ки асостаринашон инҳо мебошанд:

1. Дар диссертатсия як қатор таҳқиқоти зарурӣ оид ба мавзуъ, аз ҷумла асарҳои Самвел Асатурович Маркарян, Сайфулло Муллоҷонов, Нигина Наҷотова ва ғайра истифода нашудаанд.
2. Диссертант ишора менамояд, ки низомияҳо нахустин мактабҳои олии муназзами мусулмонон буданд ва донишгоҳҳои Ғарб зери таъсири онҳо таъсис ёфтанд ё ба назари муаллиф аввалин мадраса на дар ғарби ҷаҳони ислом, балки дар Хуросон таъсис ёфтанд, наметавон розӣ шуд. Зеро тибқи далелҳои таърихӣ дар илми муосир нахустин мактабҳои олӣ мадрасаҳои асри VIII - и Андалусия (Испанияи Мусулмонӣ) эътироф гардидаанд. Масалан,

дар макатабҳои олии Кардова ҳатто ба омӯзгорон ва хизматгорон маош медоданд, донишҷӯёнро бошад бо китобҳо, ҷойи хоб ва ёрдампулӣ (стипендия) таъмин мекарданд, инчунин пеш аз мадрасаи Байҳақия, низомияҳои Нишопур ва Бағдод, аллакай донишгоҳҳои Ал-Қаравиин (дар шаҳри Феси Мароккаш, с. 859) ва ғайра фаъолият мекарданд. Дар ҷаҳони насронӣ бошад соли 855 ё соли 856 дар Константинопол аз ҷониби ходими давлатии Византия Варда ва олими машҳур Лев Математик (Лев Файласуф, аввалин ректори донишгоҳи мазкур) Мактаби олии Магнавра (Пандидактерион, дар асарҳои муосир бо номи Донишгоҳи Константинопол зикр мешавад) ва Донишгоҳи тиббии Салерно дар Италия (асри IX) таъсис ёфта буданд.

3. Диссертант дар бархе маврид давлати Салҷуқиён ва мақоми низомияҳоро хеле боло бардошта, равиши ҳодисотро бидуни истифода аз усули танқидӣ тасвир менамояд, ҳоло он ки аз мактабҳои мазкур шогирдону омӯзгороне баромаданд, ки дар минбаъда садди роҳи рушди донишҳои дақиқ, афкори озод ва фалсафа гардиданд, низомияҳо дар зери таъсири мазҳаби шофеӣ амал намуда, назару афкори дигар мазҳабҳои дини Ислом, ҳатто мазҳабу мактабҳои фиқҳии аҳли суннат низ сарфи назар карда мешуданд, баробари ин, дар диссертатсия фаъолияти таълимию илмии низомияҳо бо макотиби дигари он замон «Мустансирия», «Ҳалавия», «Ҷавзия» ва «Ал-Азҳар» низ муқоиса нашудааст.
4. Дар матни диссертатсия баъзе камбудиҳои техникию имлоӣ ҷой доранд.

Аммо эродҳои овардашуда ҳаргиз қимати илмии диссертатсияро кам намегардонанд, онҳо зуд islоҳшаванда буда, муаллиф метавонад пеш аз ба нашр пешниҳод намудани монография ин тарафи масъаларо ба инобат гирад. Зарур аст, қайд намоем, ки диссертатсияи Садриддин Айниддин тибқи талаботи корҳои илмӣ таълиф гардида, оид ба низоми

идоракунӣ, сиёсати дохилӣ ва хориҷии Салҷуқиён ва вазъи фарҳангии замони онҳо, аз ҳама асосаш оид ба фаъолияти Низомулмулк маълумоти васеъ пешниҳод менамояд.

Хулоса, диссертатсия дар мавзӯи «Нақши Низомулмулк дар низоми идории ҷамъиятӣ ва сиёсии давлати Салҷуқиён» ба бандҳои 10, 11, 12 ва 16 - и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 таҳти № 505 ба тавсиб расидааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Садриддин Айниддин – сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ мебошад.

**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ,**
**мудири кафедраи таърихи умумии**
**ДДОТ ба номи С. Айнӣ,**
**номзади илмҳои таърих,**
**дотсент** **Сайнаков**
**Сайнак Парпишоевич**

**28 марти соли 2020**
**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121,
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ, тел.: + 992 934162099
E-mail: saynakov2012@mail.ru

**Тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДОТ**
**ба номи Садриддин Айнӣ** **Назаров**
**Давлатхон Қурбонмуродович**